«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
профессор ________ Қурбонзода М.Р.
«____» ________ соли 2024

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

Диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи **«Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашриёҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

**Расулзода Комрон Бахтиёр** соли 2015 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ хатм карда, аз соли 2015 то соли 2017 магистратураи ДДБ ба номи Носири Хусрав, факултети филологияи тоҷик, ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик ба итмом расонидааст. Айни замон ба ҳайси омӯзгори кафедраи рӯзноманигорӣ фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Расулзода Комрон Бахтиёр номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Маҳкамзода Дилором Юнус** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 1.12.2020, қарори №4 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Расулзода Комрон Бахтиёр 30-юми октябри соли 2024, № 129 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Таҳқиқи мавзуи диссертатсия мубрам буда, дар он баррасии масъалаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар матбуоти даврии маҳаллии Хатлон пажуҳиш

шудааст. Дар диссертатсия зикр шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи ҳамаҷонибаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, ба тасвиб расидани як силсила санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва амалӣ шудани онҳо ҳамчун василаи муаррифии арзишҳои фарҳангӣ ва таҳкими иқтисоди миллӣ арзёбӣ мешавад.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар соли 2018 ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ барои солҳои 2019-2021 боис гардид, ки ин соҳаҳо бештар рушд намоянд.

Дар татбиқи сиёсати давлатии Тоҷикистон дар ин самт матбуоти маҳаллии Хатлон низ дар баррасии вазъ ва ҳолати соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, инъикоси чорабиниҳо, тадбирҳои ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушди соҳа, мушкилот ва дурнамои соҳа нақши назаррас доранд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи журналистикаи тоҷик, таърихи жураналистикаи маҳал, журналистикаи сайёҳӣ, журналистика ва фарҳанг метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани маводи матбуоти даврии маҳаллӣ, бахусус нашрияҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон – рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» дар солҳои 2018-2021 доир ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумиро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

– баррасии аҳаммият ва нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар пешравии сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон;

– муайян кардани саҳми матбуоти даврии маҳаллӣ дар инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва нақши он оид ба амалӣ шудани барномаву стратегияҳои давлатии соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ;

– таҳқиқи мавзуӣ ва мундариҷавии маводи рӯзномаи «Хатлон»;

– таҳлили журналистии контенти маҷаллаи вилоятии «Сафо» оид ба соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ;

– муайян кардани вижагиҳои инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар рӯзномаи Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо»;

– муайян кардани мақоми жанрҳои публитсистӣ дар инъикос ва баррасии мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар нашрияҳои даврии маҳаллӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** маводи нашрияҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон – рӯзномаи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» дар солҳои 2018-2021 истифода шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва осори пажуҳишии марбут ба журналистикаи сайёҳӣ самаранок истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Искандарӣ Насрулло Теймур, Кун Лин, Абдулвоҳид Эссам Абдуллоҳ Маҳмуд, Ревенко А.А., Чан Ван Ле, Кузина К.А. ва олимони ватанӣ Сангинов Д., Диловаров Р.Д., Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н., Абдуллоева М. ва дигарон ташкил додааст, ки дар баробари фарогирии ҷанбаҳои таърихӣ, навъҳои сайёҳӣ, инфрасохтор ва моҳияти соҳаро дар бар мегиранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мёбад, ки диссертатсияи мавриди назар аввалин пажуҳиши мукаммал доир ба инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар матбуоти маҳаллии Хатлон мебошад.

Довталаби дараҷаи алмӣ дар журналистикаи тоҷик бори аввал маводи матбуоти маҳаллии Хатлонро дар бозтоби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба таҳқиқ

фаро гирифтааст. Ҳамчунин, дар ин рисола вижагиҳои мундариҷавию жанрӣ ва услубӣ, ҷанбаҳои бадеиву публитсистии маводи мавриди таҳқиқ дар мисоли рӯзномаи "Хатлон" ва маҷаллаи "Сафо" баррасӣ шудааст.

Диссертатсияи номзадии Расулзода Компрон Бахтиёр аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки барои ташаккули журналистикаи соҳавӣ, бахусус журналистикаи сайёҳӣ (тревел-журналистика), журналистикаи экологӣ (экожурналистика), журналистикаи иқтисодӣ, журналистика ва фарҳанги миллӣ мусоидат намуда, дар дарки касбӣ ва дуруст инъикос намудани мавзуи сайёҳӣ, роҳҳои тарғиби мавзеъҳои табиати нодир, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, зиёратӣ ва дигар анвои сайёҳӣ, инчунин ҳунарҳои мардумӣ дар вилояти Хатлон замина мегузорад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолот ва таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни курсҳои махсус оид ба журналистикаи сайёҳӣ, журналистикаи экологӣ, журналистика ва фарҳанги миллӣ барои донишҷӯёну магистрантони факултету шуъбаҳои журналистика ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, реклама ва PR, ширкатҳои сайёҳӣ ва дар фаъолияти касбии воситаҳои ахбори омма истифода кард.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Расулзода Компрон Бахтиёр дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Расулов, К.Б. Инъикоси ҷойҳои таърихиву сайёҳии водии Вахш дар нашрияи «Хатлон» / К.Б. Расулов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. – № 1/1 (95). – С. 49-59.

[2-М]. Расулов, К.Б., Маҳкамова, Д.Ю. Нақши сомонаҳои иттилоотӣ дар тарғиби мавзеъҳои сайёҳӣ / К.Б. Расулов, Д.Ю. Маҳкамзода // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – Хоруғ, 2023. – № 2 (26) – С. 65-70.

[3-М]. Расулов, К.Б. Инъикоси мавзеъҳои сайёҳии минтақаи Кӯлоб дар матбуоти маҳаллӣ (дар мисоли маҷаллаи «Сафо») / К.Б. Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №9. – С. 264-269.

[4-М]. Расулов, К.Б. Бозтоби мавзеъҳои сайёҳии Хатлон дар саҳифаҳои маҷаллаи «Сафо» / К.Б. Расулов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. - № 4 - 2 (33). – С. 128-133.

Инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар матбуоти маҳаллӣ барои рушди журналистикаи маҳал, хосса журналистикаи сайёҳӣ мусоидат менамояд. **Натиҷаҳои таҳқикро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла таърихи журналистика, кишваршиносӣ, фарҳанг, маҳорати журналистӣ, журналистикаи соҳавӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар ҷамъоварии мавод ва таҳқиқи илмию журналистии инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар мисоли нашрияи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» (дар солҳои 2018-2021) муайян шудааст.

Кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёро дар мавзуи **«Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз

рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул гардид.

Иштирок дошт: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №3, аз 31.10.2024.

Номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи рӯзноманигорӣ Шарипов С.И.

Котиби илмӣ,
номзади илми филология, дотсент Маъмурзода Н.М.

Имзоҳои Шарипов С.И. ва
Маъмурзода Н.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.
31-уми октябри соли 2024

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
E-mail: bgu-1978@mail.ru.
Тел: (+83222) 2-54-81